**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссерататсионӣ.** Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар заминаи омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз аҳаммияти махсус бархӯрдор аст, зеро он бо маҷмуи омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ иртибот мегирад, ки барои ин минтақа хос мебошанд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, давлатҳои минтақа ба давраи гузариши мураккаб ворид шуда, дар он ниҳоди президентӣ нақши марказӣ ва устуворсозандаи низоми идоракуниро ба зимма гирифт. Омӯзиши таҷрибаи мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти моделҳои миллии ҳокимияти президентӣ муайян шуда, таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ, рушди демократия ва мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои нави геополитикӣ арзёбӣ гардад.

Аҳаммияти таҳқиқот дар он аст, ки он на танҳо ҷанбаҳои сохторӣ ва ваколатҳои ҳуқуқии сарвари давлатро, балки муносибати ӯ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, таъсири ӯ ба сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин нақши ӯ дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва байналмилалиро дарбар мегирад. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки мувофиқати низомҳои мавҷуда бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ муайян гардида, роҳҳои такмил ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи замони муосир пешниҳод шаванд.

Ҳамзамон, омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро натиҷаҳои он метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таҳкими асосҳои ҳуқуқии суботи сиёсӣ ва рушди устувор истифода шаванд. Ин таҳқиқот на танҳо ба ҳуқуқшиносии минтақавӣ, балки ба илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқи муқоисавӣ низ саҳми арзанда

мегузорад, зеро бо таҳлили таҷрибаи кишварҳои дорои хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунанда заминаи таҳияи моделҳои муассири ҳамкории шохаҳои ҳокимиятро фароҳам меорад.

Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2011 хатм намудааст.

Айни ҳол ҳамчун мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи номзадиро соли 2018 таҳти унвони «Вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бомуваффақият дифо намуда, соҳиби унвони илмии дотсент мебошад.

Рисолаи диссертатсионии Сулаймонзода Манечеҳр Субҳоналӣ аз муқаддима, 5 боб, 13 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввал «Заминаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи ниҳоди сарвари давлат» мафҳум, шакл ва навъҳои ниҳоди сарвари давлат дар низомҳои гуногуни давлатдорӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф таърихи ташаккули ин ниҳодро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, таҳлил намудааст. Ин боб инчунин тамоюлҳои муосири рушди институти сарвари давлатро дар минтақа дар бар мегирад.

Дар боби дуюм «Хусусияти умумии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат» мафҳум ва унсурҳои вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат муайян ва таҳлил шудаанд. Муаллиф мақоми сарвари давлатро дар низоми мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ намуда, робитаи ӯро бо шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ шарҳ

додааст.

Боби сеюм «Тартиби баргузории интихоботи сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи сарвари давлат бахшида шудааст. Муаллиф қонунгузории интихоботиро дар кишварҳои минтақа муқоиса намуда, мақоми номзадҳо, шартҳои пешбарӣ, бақайдгирӣ ва маъракаи пешазинтихоботиро тавсиф кардааст. Тартиби овоздиҳӣ ва механизмҳои таъмини шаффофияти интихобот низ баррасӣ шудаанд.

Дар боби чорум «Мафҳум ва хусусиятҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии функсия ва ваколати сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» функсияҳои асосии сарвари давлат тавсиф шудаанд. Муаллиф таҳлили муқоисавии ин ваколатҳоро дар низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии кишварҳои минтақа анҷом додааст.

Боби панҷум «Табиати ҳуқуқӣ–конститутсионӣ ва мақоми санадҳои сарвари давлат дар низоми қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба таҳлили қувваи ҳуқуқӣ, намудҳо ва мақоми санадҳои сарвари давлат (фармонҳо, амрҳо, қарорҳо) бахшида шудааст. Муаллиф ҷойгоҳи онҳо дар иерархияи манбаъҳои ҳуқуқ, хусусиятҳои татбиқ ва мушкилоти мавҷудаи танзими ҳуқуқии ин санадҳоро шарҳ медиҳад. Инчунин иштироки сарвари давлат дар раванди қонунгузорӣ таҳлил шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосоии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, дисссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати

диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввали, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

«02» 06 соли 2025

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 93) 589 02 07
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ менамоям:**
сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 37) 227 11 04
E-mail: info@msu.tj

«02» 06 соли 2025